**Таҷдид ва васеъсозии шабакаи интиқоли барқи вилояти Суғд - Тоҷикистон**

# Хулосаи ғайритехникӣ



Сана: 10.09.2023

# Тавсифи лоиҳаҳо

***Расми 1- Харитаи ҷойгиршавии лоиҳа***




## *Лоиҳаи Суғд*

Дар расми 1 зеристгоҳи мавҷудаи «Суғд-500» (бо ранги сабз нишон дода шудааст) ва ҳудуди он, ки ба Фармоишгар тааллуқ дорад, нишон дода шудааст.

ЗБ 500/220/35 кВ “Суғд 500” соли 2009 ширкати ТВЕА-и Чумхурии халкии Хитой сохта ба истифода додааст. ЗБ “Суғд 500” зеристгоҳе мебошад, ки ба якчанд пайвастҳои шабакавии хатҳои барқи минтақа хизмат мерасонад: ( i ) хати интиқоли барқи 500 кВ (Л-518), (ii) 4 хати интиқоли барқи 220 кВ, ки ба системаи энергетикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон пайваст мебошад (iii) 4 хати интиқоли барқи 220 кВ, ки истифодабарандагони вилояти Суғдро бо неруи барқ таъмин менамояд.

Роҳи даромадгоҳ ба зеристгоҳ аз роҳи асфалтпуш мегузарад. Аз роҳи калон то зеристгоҳ роҳи бетонии хушсифат аст.

Дар даромадгоҳи зерстансия дарвоза ва бинои посбонон воқеъ аст. Дар роҳи асосӣ ягон нишона ё аломати ишоравии зеристгоҳ нест.

Барқтаъминкунии ЗБ 500/220/35 кВ “Суғд 500” тавассути як хати барқии 500 кВ (Л-518) аз ЗБ 500/220/35 кВ “Душанбе 500” иҷро карда мешавад.

Зеристгоҳи “Суғд” ҳашт зеристгоҳхои шабакаи 220 кВ-и вилояти Суғдро бо нерӯи барқ таъмин менамояд. Дар натиҷаи пешрафт намудани соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии минтақа истифобабарандагони маиши, саноат ва кишоварзӣ зиёд гардид, ки ин боиси зиёд шудани борнокии автотрансформаторҳои зеристгоҳ гардид ва дар натиҷа борнокии автотрансформаторҳо аз номиналияш зиёд гардид. Ҳангоми истифодакуниии иқтидори пурра дар модели барномаи “PowerFactory” мувофиқат намекунад, ин маънои онро дорад, ки шабака ба бори афзоянда тоб оварда наметавонад.

Ҳадафҳои лоиҳа – қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти зарурӣ, иваз кардани инфрасохтори кӯҳна, бартарафнамоии сарбории автатрансформаторҳо, баланд бардоштани эътимодноки таъминоти барқи муштариён ва кам намудани партовҳои CO2 мебошанд.

## Татбиқи чорабиниҳо ва талаботхои омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Шабакаҳои Интиколи Барқ” ("ШИБ") дар соли 2021 дар натиҷаи тақсимоти ширкати амудии ҳамгирошудаи энергетикии Барқи Тоҷик таъсис дода шудааст. Ширкат барои истифода ва нигоҳдории тамоми шабакаи интиқоли барқ дар Тоҷикистон масъул аст. Ширкат 100% ба давлат тааллуқ дорад. Дар соли 2022 ширкат тақрибан 20 ТВт•соат нерӯи барқ интиқол дод, аз ҷумла 3,36 ТВт•соат барои содирот пешбинӣ шудааст.

Идораи марказии “ШИБ” дар шаҳри Душанбе ҷойгир буда, дар саросари Тоҷикистон 3 филиали иловагӣ дорад: (i) шаҳри Душанбе, (ii) шаҳри Бохтар ва (iii) шаҳри Гулистон. Фармоишгар ва истифодабаранда ШИБ мешавад, корхои лоихакаши ва сохтмони аз чониби пудратчиён амали карда мешавад.

Лоиҳа аз ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) маблағгузорӣ мешавад. Аз ин рӯ, лоиҳа бояд мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон, сиёсати экологӣ ва иҷтимоии БАТР дар соли 2019 ва талаботи иҷрои он амалӣ карда шавад.

## Таъсири физикии ва чораҳои кам кардани таъсир

Хатарҳои асосии физикии ва таъсироти эҳтимолӣ ба марҳилаи сохтмон алоқамандланд аз инҳо иборатанд:

- Афзоиши ҳаракати воситаҳои нақлиёт вобаста бо хатари садамаҳо алоқаманд дар роҳи истифодабарандаи лоиҳа, аз ҷумла барои таъмини зеристгоҳ;
- Садо ва партовҳои ихроҷшуда ҳангоми сохтмон;

Интизори меравад, ки марҳилаи иҷроиши чорабиниҳо бо хатарҳо ва таъсироти эҳтимолии зерин алоқаманд бошад:

- Хавфи таъсири барқ ҳангоми ворид шудан ба майдонҳои истеҳсолӣ: ин хатар тавассути дастрасии танзимшаванда ва барқарорсозии девори атрофи зеристгоҳ кам карда мешавад.

## Таъсирот ба гуногунии биологӣ ва чораҳои коҳиш додани он

Қитъаи замини Лоиҳа ва масири хати интиқоли барқ аз минтақаҳои аз ҷониби қонунгузории маҳаллӣ ҳифзшаванда ё аз маконҳои эътирофшудаи байналмилалӣ берун ҷойгир шудааст.

**Сатҳи ибтидоӣ:** Лоиҳа бунёди сохторҳои навро дар ҳудуди макони зисти растаниҳои пурарзиш ё ҷангалзорҳо дар бар намегирад. Талафоти назарраси олами наботот аз эҳтимол дур аст. Ҷойгиршавии дарахтон дар ландшафтҳои васеътар, махсусан дар қад-қади қитъаҳои замини корам намоён аст: ба онҳо Лоиҳа таъсир намерасонад.

**Арзёбии таъсир:** Хатари асосии олами ҳайвонот дар робита бо Лоиҳа воқеан хатари бархӯрд ё зарбаи барқӣ ба паррандагон мебошад. Ин хатар одатан дар хатҳои интиқоли барқ тавассути татбиқи чораҳои коҳиш додани хатар ба монанди интиқолдиҳандаҳои парранда, кабелҳои изолятсияшуда, изоляторҳои овезон ё қубур ё сарпӯши изолятсия идора карда мешавад.

**Тадбирҳои коҳиш додани таъсир:** Азбаски зеристгоҳи Суғд аз ҳама гуна макони зисти паррандагон дур аст, дар зеристгоҳ ягон ҳодисаи марбут ба паррандагон мушоҳида нашудааст ва GIIP оид ба муҳофизати паррандагон дар зеристгоҳҳои баландшиддати барқ вуҷуд надорад, ягон чораи коҳишдиҳандаи таъсир зарур нест.

## Таъсироти иҷтимоӣ ва чораҳои коҳиш додани он

**Шуғл:** Ҷалби қувваи кории маҳаллӣ тавассути механизми шаффоф, ки бо намояндагони аҳолии маҳаллӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқа шудааст, амалӣ карда мешавад .

**Хариди замин ва кӯчонидан:** Лоиҳа ягон кӯчонидани физикӣ ё иқтисодиро талаб намекунад.

**Бетартибиҳо:** Садо ва ҳаракати нақлиёт халали асосие мебошанд, ки дар давраи сохтмон интизори хаст.  Дар наздикии бевоситаи зерстансия ягон минтақаи аҳолинишин нест. Таъсири манфии эҳтимолӣ тавассути танзими ҳаракат дар роҳ дар робита байни майдони сохтмон ва роҳи умумӣ бо мақсади пешгирӣ кардани садамаҳо идора карда мешавад.

**Фароғат ва сайёҳӣ:** маконҳои лоиҳа ва гирду атрофи онҳо барои фароғат ё фаъолиятҳои сайёҳӣ таваҷҷӯҳи хосе надорад.

**Саломатӣ ва бехатарии ҷамъиятӣ:** Сохтмон ва истифодабарии лоиҳа ягон хатари ҷиддии саломатиро ба вуҷуд намеорад. Хавфҳои бехатарӣ ҳангоми сохтмон бештар дар натиҷаи афзоиши ҳаракати нақлиёт вобаста буда, тавассути татбиқи тартиботи назорати ҳаракат ва сигнализатсия идора карда мешаванд.

**Саломатӣ ва бехатарии коргарон:** Пеш аз оғози ҳама гуна корҳои сохтмонӣ, Сармоягузор Нақшаҳои мушаххаси идоракунии саломатӣ, бехатарӣ ва муҳити зистро (HSEMP) омода мекунад.

**Мероси фарҳангӣ: М**акони лоиҳа дар паҳлӯ ё наздикии  ягон меъроси фарҳангӣ ё таърихӣ ҷойгир нашудааст, ки тавонад ба таври зоҳирӣ таъсир расонад.

## Тамос

Агар Шумо ба лоиҳаи таҷдид ва васеъкунии шабакаҳои интиқоли барқ дар вилояти Суғд таваҷҷӯҳ дошта бошед ва хоҳед, ки маълумоти иловагӣ гиред, лутфан бо шахси мутасаддии ШИБ тамос гиред:

| | |
|---|---|
| Ном | Садиров С.М. |
| Мавқеъ | муҳандис эколог |
| Почтаи электронӣ | pts.intiqol@mail.ru |
| Телефон | +992 372 295-618 |
| Суроға | ш. Душанбе к. И. Сомони-64 |